Барои ҳифзи Ватан, таҳкими Истиқлолият ва амнияти миллӣ тайёрем!

# Родмардон

№3 (227)
26 марти соли 2025

Нашрияи тарбияи ҳарбию ватанпарастии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Имрӯз мо бо ифтихору сарфарозӣ иброз медорем, ки ба шарофати истиқлолу озодии Ватани маҳбубамон Наврӯз- ин оини бебаҳои аҷдодии худро эҳё кардем ва барои рушди минбаъдаи русуми наврӯзӣ заминаи мусоид фароҳам намудем.

Эмомалӣ Раҳмон

# Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ

Март 20, 2025



Ҳамватанони азиз!

Фарорасии ҷашни Наврӯзи байналмилалиро ба ҳамаи шумо – мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ ва мардумони ҳавзаи тамаддуни Наврӯз самимона табрик мегӯям.

Орзумандам, ки рӯзу рӯзгоратон аз файзу баракати ин ҷашни зебои табиат ҳамеша пур аз шодиву нишот бошад.

Наврӯз ҷашни бузурги миллии мо – тоҷикон ва оғози соли нави аҷдодӣ аст, ки ба пешвози фарорасии он табиат ва тамоми мавҷудоти олам эҳё мешавад ва дар ҷону руҳи инсонҳо умед ба зиндагӣ ва дӯст доштани он дигарбора зинда мегардад.

Яъне Наврӯз айёми гузариш ба фасли нави зиндагӣ, пирӯзии гармӣ бар сардӣ, ҷашни равшанӣ ва нур, дӯстиву муҳаббат, шодиву хурсандии ҳамагонӣ ва шукуфтани орзуҳо мебошад.

Аҷдоди фарҳангиву тамаддунсози мо тавонистаанд, ки ҷашни Наврӯз ва расму оинҳои онро дар тӯли ҳазорсолаҳо ҳифзу нигоҳдорӣ карда, то ба рӯзгори мо расонанд.

Наврӯз, ки решаҳои он аз суннатҳои фарҳангии ниёгони мо сарчашма мегиранд, рамзи эҳтиром ба табиат, арҷгузорӣ ба арзишҳои инсондӯстона ва қаробату ҳамдигарфаҳмӣ миёни халқу миллатҳои гуногун ба шумор меравад.

Ин ҷашни зебои табиӣ дар равандди рушди таърихӣ бо ҳикмату фалсафаи инсонпарваронааш ба тамаддуну фарҳангҳои дигар таъсири амиқ расонида, аз ҷониби халқу миллатҳо тадриҷан пазируфта шудааст.

Яке аз омилҳои ба ҷашни байналмилалӣ табдил ёфтани Наврӯз маҳз аз ҳамин иборат аст.

Бояд гуфт, ки маҳз унсурҳои неку писандидаи маънавӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии Наврӯз ба ҳамоҳангӣ бо табиат инсонҳоро ба ҳам меоваранд, муттаҳиду муттафиқ месозанд, муносибати байни онҳо ва вазъи руҳии онҳоро дар ҳоли эътидолу оромӣ ва шодиву сурур нигоҳ медоранд.

Зеро ҳамаи оинҳои наврӯзӣ дорои аҳаммияти инсондӯстона, ҳикмати рӯзгор ва ташвиқи ҳаёти ором осоиштаи аҳли башар мебошанд.

Ҳамдиёрони арҷманд!

Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо ва мардуми покниҳоду фарҳангпарвари он меросбари ҳақиқии ин ҷашни оламгир эътироф шудаанд, зеро тамоми суннату оинҳои инсонпарваронаи Наврӯз маҳз дар сарзамини аҷдодии мо ва дар тамоми қаламрави кишвари биҳиштосоямон поку беолоиш ҳифз гардидаанд.

Яъне Тоҷикистони маҳбуби мо воқеан Ватани аслии Наврӯз аст.

Маҳз расму оинҳои инсонпарваронаи Наврӯз ва дигар ҷашнҳои ориёӣ, аз ҷумла Сада, Тиргон ва Меҳргон, ки дар кишвари мо аз баракати соҳибистиқлолӣ эҳё гардидаанд, омили пойдориву мондагории арзишҳои милливу фарҳангӣ ва илмиву адабии мардуми ориёитабор дар саҳифаҳои таърих мебошанд.

Бинобар ин, ҳар як фарди ватандӯст ва бонангу номус дар ҳифзи ин суннату анъанаҳо ва баргузории шоистаи ҷашнҳои бостонии мардумӣ бояд саҳмгузор бошад.

Наврӯз дар Ватани маҳбубамон – Тоҷикистон на танҳо ҳамчун ҷашни фарҳангиву мардумӣ, балки ба сифати суннати муҳимми эҳёи табиат ва талош барои фаровонӣ азизу гиромӣ дониста мешавад.

Яъне Наврӯз ҷашни пайванди инсон бо табиат буда, одамонро ба амалҳои созандаву ободгарона талқин мекунад ва ба онҳо илҳому неру мебахшад.

Ин аст, ки мардуми заҳматпешаи мо баъд аз ҷашни Сада ва дар арафаи Наврӯз тибқи анъанаи гузаштагонамон омодагиро ба корҳои бунёдкорӣ, аз ҷумла кишоварзӣ ва ниҳолшинонӣ вусъат мебахшанд.

Доир ба ин масъала, ман зимни суханронии худ дар маросими ифтитоҳи Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018 – 2028» гуфта будам, ки дар доираи иҷрои «Барномаи кабудизоркунии табиати кишвар то соли 2040» бояд зиёда аз ду миллиард бех ниҳол шинонида шавад.

Ҳоло таъкид менамоям, ки маҳз айёми Наврӯз – замони эҳё гардидани табиат барои татбиқи ин ҳадафи бузург фурсати бисёр муҳим мебошад.

Яъне ҳамаи моро зарур аст, ки рӯзҳои мусоиди баҳорро ҷиҳати ободу зебо ва сарсабзу хуррам гардонидани кишвари биҳиштосоямон самаранок истифода барем.

Ҳамватанони мо хуб медонанд, ки солҳои охир бар асари мушкилоти глобалӣ, аз ҷумла тағйирёбии иқлим вазъи ҷаҳон торафт мураккабу бӯҳронӣ гардида, амнияти озуқаворӣ кишварҳоро таҳти хатари ҷиддӣ қарор дода истодааст.

Чунин шароит моро водор месозад, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳи хосса дода, барои ҳифзи амнияти озуқаворӣ аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии худӣ беш аз пеш кӯшиш намоем ва тамоми захираву имкониятҳои мавҷударо ба ин самт равона созем.

Аз ин рӯ, кишоварзони мамлакат ва ҳамаи онҳое, ки дар ихтиёри худ як порча замин доранд, бояд аз ҳар як рӯзи мусоиди баҳорӣ самаранок истифода карда, гирифтани се – чор ҳосилро таъмин намоянд ва истеҳсоли маҳсулоти ғизоиро афзоиш диҳанд.

Ҳар як оилае, ки соҳиби замини президентӣ ва наздиҳавлигӣ мебошад, бояд ҳар ваҷаби онро барои таъмини оилаи худ бо озуқаворӣ ва захираи маводи ғизоӣ самаранок истифода намояд.

Мардуми азизи Тоҷикистон тибқи суннатҳои неки Наврӯзи аҷдодӣ ба истиқболи ин ҷашни фархунда макони зисту ашёи рӯзгор ва сару либоси худро тозаву озода ва нав мекунанд, кинаву адоватро аз қалби худ пок месозанд ва ҳамдигарро бо чеҳраи кушоду пурмеҳр табрик мегӯянд.

Ҳамдиёрони мо дар ин айём, ҳамчунин, амалҳои хайру савоб, аз ҷумла кумаку дастгирии ятимону маъюбон ва оилаҳои камбизоату ниёзмандонро анҷом медиҳанд.

Моро зарур аст, ки бо Наврӯзи аҷдодиамон, ки ҷашни байналмилалӣ эълон гардидааст, ифтихор намоем, онро азизу гиромӣ дорем.

Зеро ҷашни Наврӯз барои мо рамзи ваҳдати миллӣ ва дӯстиву муҳаббат буда, дирӯзу имрӯз ва фардои мо – мардуми ориёитабарро ба ҳам мепайвандад.

Бовар дорам, ки Наврӯзи оламафрӯз ва Соли нави аҷдодӣ бо қадамҳои некаш ба хонадони мардуми бонангу номус ва фарҳангдӯсту сулҳпарвари тоҷик саломативу хушҳолӣ ва фатҳу кушоишҳои нав меоварад.

Мо бояд ҳар рӯзи баҳорро барои ниҳолшинонӣ, тозаву озода кардани ҳар як хонаву кошона ва сарсабзу хуррам гардонидани маҳалли зисти худ, созандагиву ободонии Ватани азизамон ва заҳмати аҳлонаи хурду бузурги кишвар истифода барем.

Мо сарзамини аҷдодиамонро бо иттиҳоду сарҷамъӣ ва бо дастони худамон обод месозем, давлати соҳибихтиёрамонро неруманду пешрафта мегардонем, коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсолӣ бунёд мекунем ва барои ҳамватанонамон ҷойҳои нави корӣ муҳайё менамоем.

Ҳамватанони азизи мо хуб медонанд, ки мардуми мо ҳама гуна ҷашну хурсандӣ, хусусан, Наврӯзро бо хонаи тозаву озода, зоҳири зебову ороста ва ботини поку беолоиш истиқбол мегиранд.

Мо набояд фаромӯш кунем, ки тоҷикон дар байни мардумони ҷаҳон ҳамчун миллати фарҳангӣ шинохта ва эътироф шудаанд.

Мо бояд номи неки миллати фарҳангиро бо одоби баланди инсонӣ ва маданияти либоспӯшӣ дар ҳама ҷо, бахусус, ҳангоми ба пойтахт омадан ва сафар ба кишварҳои дигар пос дорем.

Зимнан, хотирнишон менамоям, ки айёми Наврӯз беҳтарин фурсат барои баргузории ҳар гуна ҳамоишу озмунҳо ҷиҳати таблиғу муаррифии либосҳо ва таомҳои миллӣ мебошад.

Ҳамчунин, дар хотир бояд дошт, ки дар байни мардуми мо забҳи чорво барои гузаронидани чорабиниҳои наврӯзӣ роиҷ нест.

Ин ҷашнро гузаштагони мо бо омода кардани таомҳои миллӣ аз гиёҳҳои шифобахши диёри биҳиштосоямон ва бо риояи қоидаҳои сарфаю сариштакорӣ баргузор менамуданд.

Дар ин раванд, мо бояд ба тарбияи фарзандон аз хурдсолӣ ва ба камол расонидани кадрҳои баландихтисоси ҷавобгӯй ба талаботи асри пешрафти илму техника ва технологияҳо диққати аввалиндараҷа диҳем.

Бо итминон ба ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстии мардуми сарбаланди кишвар изҳор менамоям, ки дар рӯзҳои ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ ва минбаъд низ мо ҳама якҷо бо кору фаъолияти содиқона Тоҷикистони азизамонро боз ҳам ободу зебо мегардонем ва эътибору обрӯи онро дар ҷаҳон баландтар мебардорем.

Бо чунин ниятҳои нек бори дигар тамоми мардуми азизи Тоҷикистонро ба ифтихори ҷашни Наврӯз самимона табрик гуфта, ба ҳамаи шумо ва ҳамватанони бурунмарзӣ саломатӣ, хонаи ободу, бахту иқболи нек ва файзу баракат орзу менамоям.

Ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ муборак бод, ҳамватанони азиз!

# Ҷашни байналмилалии Наврӯз муборак, ҳомиёни Ватан!

Наврӯзи байналмилалӣ бо шукуҳу шаҳомати хоса ва риояи суннату анъанаҳои миллии наврӯзӣ дар ҳар як қисми харбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил карда шуд.



Наврӯзии ҳайати раёсату шуъбаҳои фармондеҳӣ ва қисмҳои ҳарбии наздики он, аз ҷумла қисмҳои ҳарбии 051052, 051053, 051054, 051055 ва 051064 дар майдони қисми ҳарбии 051052 ҷашн гирифта шуд. Нахуст гулдухтарон роҳбарияти Гвардияи миллиро бо сабзаву суманак ва қироати шеъру тарона дар васфи баҳору наврӯз истиқбол гирифтанд. Майдони ҷашни Наврӯзии гурдон қабои идона дошт. Роҳбарияти Гвардияи миллӣ аз гӯшаҳои идона омодакардаи қисмҳои ҳарбӣ дидан намуда, ба хони наврӯзӣ ва маҳсули ҳунарҳои дастӣ баҳои баланд доданд. Сардори Сарситод-муовини аввали Фармондеҳи Гвардияи миллӣ генерал-майори гвардия Баҳриддин Азаматзода ҳайати шахсиро ба ҷашни байналмилалии Наврӯз табрик намуда, изҳор намуд, ки бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашни куҳанбунёди мо – тоҷикон ҷаҳонӣ гардид ва имрӯзҳо дар саросари кишварҳои ҳавзаи Наврӯз таҷлил карда мешавад.

Дар идомаи табрикот дар майдони ҷашни Наврӯзӣ ғолибони мусобиқаҳои ҳарбӣ-варзишӣ, ки дар арафаи ҷашни наврӯз доир гардид, бо сипоснома ва тӯҳфаҳои хотирмон сарфароз шуданд. Барномаи идонаи фарҳангӣ таранумгари баҳору наврӯз ва зебогиҳои табиати диёр буд, ки аз ҷониби ҳунармандони Оркестри ҳарбӣ иҷро шуда, писанди ҳамагон гардид.



Баъди анҷоми барномаи фарҳангӣ дар майдони ҷашнии наврӯзӣ чун аъанаи ҳамасола гӯштини миллӣ ташкил карда шуд. Бо мақсади ҷолибу хотирмон баргузор намудани ҷашни Наврӯз ва ҳамчунин мустаҳкам намудани рафоқат дар байни ҳайати шахсӣ аз тарафи роҳбарияти Гвардияи миллӣ барои паҳлавонон-ғолибони гӯштини миллӣ тӯҳфаҳои зиёд ҷудо карда шуд. Варзишгарон-афсарону сарбозон аз қисмҳои ҳарбии гвардия бо маҳорати хоса қувваозмоӣ карда, соҳиби тӯҳфа гардиданд. Дар қатори афсарон сарбозону сержантон низ қобилияти хуби паҳлавонӣ нишон дода тавонистанд. Сарбози қатории гвардия Шаҳром Назаров аз қисми ҳарбии 051057 ба рақибони худ ғолиб омада, ҷоизаи мусобиқаро сазовор гардид.





Базмгоҳи наврӯзии Шифохонаи ҳарбии Гвардияи миллиро шиору овезаҳои наврӯзӣ, хони "ҳафтсин", "ҳафтшин" ва хӯрокҳои миллии баҳорӣ зиннат дода, аҳли Шифохона бо таманнои орзуҳои нек Наврӯзро ҷашн гирифтанд. Сардори Шифохонаи ҳарбӣ ҳайати кормандону сарбозон ва беморонро ба ҷашнӣ некмеҳвари мардуми ориёӣ табрик намуда, таманно намуд, ки дар аёми наврӯзӣ ҳамбастагӣ, меҳру шафқат ба ҳамдигар ва солимии ҷисму рӯҳ насиби ҳамагон гардад.









Ҷашни Наврӯзи байналмилалиро ҳайати шахсии қисми ҳарбии 051057 бо баргузор намудани гӯштини миллӣ миёни хурдсолон-фарзандони афсарони қисми ҳарбӣ ва сарбозону сержантон доир намуданд. Дар гӯшаи дигари қисми ҳарбӣ ҳайати шахсии шуъбаҳо ҳар кадом хони наврӯзӣ ороста, рӯи дастурхон таомҳои миллӣ, аз ҷумла суманаку қурутоб, "ҳафтсин"ва "ҳафтшин" гузоштанд. Ҷашни наврӯз бо чеҳраи гарму самимӣ ва шодиву сурур истиқбол карда шуд.

Дар қисми ҳарбии 051059 Наврӯзи байналмилалӣ бо риояи суннату оинҳои неки халқи тоҷик, чорабинии фарҳангиву фароғатӣ ва варзишӣ ҷашн гирифта шуд. Барои ҷолибу хотирмон таҷлил намудани Наврӯз дар байни сарбозону сержантони қисми ҳарбӣ мусобиқаи бандкашиву гӯштини миллӣ доир карда шуд. Бо омадани Маликаи Баҳор ба базмгоҳи Наврӯзӣ ҳамчун пайки шодиву нишот суруду таронаҳо пешниҳоди иштирокчиён карда шуд.

Қобили зикр аст, ки қисми ҳарбии мазкур бо мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроияи шаҳри Турсунзода робитаи ҳамкорӣ дорад. Гурӯҳи ҳаваскорони мақомот бо таронаҳои наврӯзи хотири сарбозонро шод намуданд.

Командири қисми ҳарбии 051059 ғолибони мусобиқаҳои варзишӣ ва фаъолони чорабиниҳои фарҳангиву маърифатиро бо тӯҳфаҳои арзанда сарфароз гардонида, ҳайати шахсӣ ва меҳмононро ба ҷашни Наврӯз муборакбод намуд.

Ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ дар дигар қисмҳои ҳарбӣ ҳам бо барномаҳои идона таҷлил карда шуд.

Майори гвардия
Неъматуллои ХОЛИҚ



# Мусобиқаҳои варзишӣ-анъанаҳои наврӯзӣ

Бо мақсади тарғиби анъанаҳои наврӯзӣ ва боз ҳам баланд бардоштани маҳорати ҷисмониву ҷангии хизматчиёни ҳарбӣ бахшида ба ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ мусобиқаҳои варзишӣ барои дарёфти Ҷоми Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуд. Мусобиқаҳо бо баргузор намудани ҷамъомади тантанавӣ оғоз гардида, шарту макон ва тартиби гузаронидани онҳо аз ҷониби раёсати тайёрии ҷангӣ ва сармураббиён ба дастаҳои варзишии қисмҳои ҳарбӣ расонда шуд. Мусобиқаҳо аз намуди футбол оғоз гардида, баъдан афсарону сарбозони қисмҳои ҳарбии гвардия дар намудҳои волейбол, гӯштингирӣ, турниккашӣ, гулӯлабардориву давидан ба масофаҳои гуногун, шоҳмот ва ба қисмҳо ҷудо ва ҷамъ намудану тирпаронӣ аз силоҳи гуногун қувваозмоӣ намуда, сабқатҳои ҷолибу шавқовари варзиширо доир намуданд.





Бозии волейбол дар қисмҳои ҳарбӣ дар машғулиятҳои варзишӣ пайваста ба таври мусобиқа гузаронда мешавад ва афсарону сарбозон хеле моҳиронаву ҷолиб бозӣ мекунанд. Ҳарчанд дастаҳои волейбол аз қисмҳои ҳарбии 051062 ва 051059 фаъолона ширкат доштанд, вале ҷойи якумро қисми ҳарбии 051052 ишғол намуд. Қобили зикр аст, ки дастаи волейболи қисми ҳарбии 051052 соли сеюм аст, ки ҷойи аввалро соҳиб мешавад.





Турниккашиву гулӯлабардорӣ барои хизматчиёни ҳарбӣ меъёрҳои ҳамарӯзаи варзишӣ мебошанд. Вале то 100 ва 140 маротиба бардоштани гулӯла ва боло шудан дар турник ва танҳо натиҷаи машқу тамрин, ҳамчунин аз иродаи қавӣ ва нерумандии бозу вобастагӣ дорад. Дар ин намуди мусобиқа афсарони қисми ҳарбии 051054 - майори гвардия Эмомалӣ Одиназода ва подполковники гвардия Боҳир Оқилзода ғолиб омаданд.



Дар мусобиқаи дастхобонӣ бошад касе ба сержанти хурди гвардия Хусрав Исмоилзода баробар шуда натавонист. Сержанти мазкур бо ҳунару қобилияти варзишии худ хеле чолоконаву моҳирона ҳарифонро пайиҳам мағлуб карда, боз ҳам дар варзиш пешсаф будани қисми ҳарбии 051054 -ро тасдиқ намуд.



Яке аз нафароне, ки боиси комёбиҳои қисми ҳарбии 051062 дар мусобиқаҳои варзишӣ гардид, прапоршики гвардия Муслиҳиддин Алиҷонзода мебошад, ки дар ду намуди варзиш иштирок намуд ва дар ду ҳолат ҳам соҳиби ҷойи аввал гардид. Дар мусобиқаи давидан ба масофаи 100 метр, дар 12,9 сония ва такя бо дастон, яъне отжимание Муслиҳиддин бо ғайрату чолокӣ қисми ҳарбиро ҳамчун яке аз дастаҳои ғолиб муаррифӣ кард.



Футбол дар байни ҳайати шахсӣ ҳаводорони зиёд дорад, аз ин ҷост, ки бештари сарбозону афсарон аз қисмҳои ҳарбӣ ба ин намуди варзиш номнавис шуда, қисми дигар бо шавқ мухлисӣ намуданд. Ин мусобиқа миёни афсарону сарбозони қисмҳои ҳарбӣ хеле ҷолибу хотирмон идома ёфт. Дар ниҳоят дастаҳои қисми ҳарбии 051055 ва 051062 ба финал баромада, барои ба даст овардани ҷойи аввал мубориза бурданд. Бо ҳисоби 4:2 дастаи футболи қисми ҳарбии 051062 ғолиби мусобиқа дониста шуд.



Дар мусобиқаи шоҳмот бошад, қобилияти зеҳнӣ ва ҳадафмандона пеш рафтан, касро ба пирӯзӣ мебарад. Подполковники гвардия Ҷовидон Абдулҳакимзода аз қисми ҳарбии 051052 тавонист, ки дар байни ҳамтоён муваффақият ба даст орад.

Ба қисмҳои нопурра ҷудо ва ҷамъ кардани автомати Калашников шарти дигари мусобиқаи наврӯзӣ буд. Гарчанде ҳамаи иштирокчиёни мусобиқа тибқи меъёр силоҳро ба қисмҳои нопурра ҷудо ва ҷамъ карда тавонистанд, вале сержанти хурди гвардия Машҳур Худоиев, аз қисми ҳарбии 051064 дар мудати 24 сония силоҳро ба қисмҳои нопурра ҷудо ва хам ҷамъ карда тавонист.



Тирпаронӣ аз силоҳи гуногун даври ниҳоии мусобиқаҳои варзишӣ буд, ки дар машқгоҳи саҳроӣ баргузор шуд. Хизматчиёни ҳарбӣ бори дигар маҳорату малакаи касбии хешро ба таври амалӣ нишон доданд. Дар ин мусобиқа бо гирифтани 77 хол сарбози қатории гвардия Исмоил Шофозилов аз қисми ҳарбии 051064 бартарӣ нишон дода, ғолиби ин намуди чорабинӣ дониста шуд.



Аз рӯи холҳои умумӣ ҳакамон ҷойи якумро ба қисми ҳарбии 051054, ҷойи дуюму сеюмро ба дастаҳои варзишии қисмҳои ҳарбии 051062 ва 051052 сазовор донистанд.

Қобили зикр аст, ки сардори тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши раёсати тайёрии ҷангӣ подполковники гвардия Батир Яқубзода ташкилу тартиби гузаронидани чорабиниҳоро ба нақша гирифта, дар иҷрои шартҳои мусобиқа навгонӣ ворид кардааст, ки барои шавқовару шафоф гузаронидани мусобиқаҳо мусоидат намуд.

Варзиш дар фаъолияти хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллӣ мавқеи махсус дорад. Ҳайати фармондеҳии Гвардияи миллӣ барои такмил додани варзиш, тарбияи ҷисмониву ба даст овардани маҳорати ҷангии ҳайати шахсӣ пайваста саъю кӯшиш менамояд.

Майори гвардия
Неъматуллои ХОЛИҚ

# Давраи камолоту комил шудан

Маркази тайёрии кадрҳои Гвардияи миллӣ дар таълиму тарбия ва пурра намудани сафи хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллӣ бо мутахассисон, прапоршику афсарони ҷавон мавқеи назаррас дорад. Қобили зикр аст, ки тайёр намудани кадрҳои лаёқатманди ҳар соҳа, пеш аз ҳама заҳмату ғамхории мураббиён, заминаи бойи таълимӣ, роҳнамоиву муносибати ҷиддиро талаб мекунад. Аз ин рӯ, дар Маркази тайёрии кадрҳо афсарони собиқадори хизмат таҷриба ва захираи донишҳои ҳарбии хешро ба ҷавонон меомӯзонанд. Алалхусус, сарбозоне, ки барои аз худ намудани барномаҳои таълимии кӯтоҳмуддат ба марказ меоянд,

хизмат, дар ҳалли масоили гуногуни раванди он бо ҳамтоёни худ бо донишҳо мусаллаҳ, дар муносибат мушаххасу дақиқ, хушёру зирак ва огоҳу муваффақ бошанд. Дар ин самт онҳоро собиқадори хизмати ҳарбӣ генерали мустаъфӣ Қалъадор Бақоев роҳнамоӣ мекунад.

Машғулиятҳои амалии саҳроӣ ҷузъи асосии барномаи таълимии курси мутахассисони хурд мебошад, ки дар Маркази таълимии саҳроӣ бо иштироки масъулини раёсати аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ гузаронида шуд. Хизматчиёни ҳарбӣ донишҳои назариявии хешро дар машғулиятҳои амалии ронандагӣ ва оташфишонӣ аз силоҳи мошинҳои ҷангӣ





идомаи хизмат машқу машғулиятҳои ҳарбиро аз худ карда, на танҳо маҳорати ҷангӣ, дарси ватандорӣ, ҳамчунин сабақи худшиносӣ, оламу одамгарӣ меомӯзанд. Бо шунидани аввалин садои тиру силоҳ, идора намудани техникаҳои вазнини ҷангӣ, рӯ ба рӯ шудан бо мушкилоти таълим ва мустақилона ҳал намудани масоили гуногуни моддиву маишӣ ҷавонон қавииродa, боғайрату далер, мустақилу худогоҳ, билохира ҷавонмард мешаванд. Албатта, агар

аз маҳорату малака, машғулиятҳои назариявӣ, амалӣ ва машқҳои саҳроӣ, ки дар барномаи мукаммали таълимӣ ҷамъ оварда шудаанд, бахравар мегарданд.

Сарбозон баъди 3-9 моҳи хизмати хатмии ҳарбии тибқи қонун муқарраршуда бо мақсади такмил додани дониш, қобилияту маҳорат ва боз ҳам беҳтар аз худ намудани хусусиятҳои хизмат ба курси кутоҳмуддат ҷалб гардида,барномаи таълимиро, ки аз фанҳои гуногуни ҳарбӣ, аз ҷумла тайёрии тактикӣ, тайёрии оташфишонӣ, муҳандисӣ, маҳалнигорӣ, алоқа, тайёрии ҷисмонӣ, тиббӣ ва монанди ин фанҳои муҳим иборат мебошад, аз худ намуданд. Ин машғулиятҳо дар ҳама самтҳои пешбарии хизмат истифода мешаванд ва дар якҷоягӣ сатҳи омодагӣ ва тайёрии ҷангии хизматчии ҳарбиро нишон медиҳанд.

Сарбозон-мутахассисони хурд мавзӯъҳоро дар алоҳидагӣ, васеътар аз худ менамоянд, то ки дар идомаи



мавриди амалу санҷиш қарор доданд.

Пешвои миллат-Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмати ҳарбиро барои ҷавонмардон мактаби омӯзиш, ҷасорату мардонагӣ ном мебаранд, ки бесабаб нест. Зеро ҷавонон дар синну соле ба хизмат ҷалб мегарданд, ки акнун ба давраи ҷавонмардӣ қадам мегузоранд. Дар қисми ҳарбӣ бо даҳҳо хислату характери ҳамсолу ҳамхизматон вохӯрда, дар

волидону мураббиён дар мактаби миёна то ба хизмати ҳарбӣ омадани ҷавонон барои дониш андӯхтан, ҳунар омӯхтан, шахсият шудани онҳо бо муҳаббату эҳтиром ба оянда, дар замири эшон каме ҳам бошад, замина тайёр карда бошанд. Чунки хизмати ҳарбӣ ҳам идомаи таълиму тарбия, давраи камолоту комил шудани ҷавонон мебошад.

Полковники гвардия
Хайринисо КОМИЛЗОДА

## ПАНДИ ЗИНДАГӢ

*Рӯзҳо гар рафт, гӯ*
*«Рав бок нест,*
*Ту бимон, эй он ки чун*
*ту пок нест».*
*Ҳар кӣ ҷуз моҳӣ зи обаш*
*сер шуд,*
*Ҳар кӣ берӯзист, рӯзаш*
*дер шуд.*
*Банд бугсил, бош озод,*
*эй писар!*
*Чанд бошӣ банди симу*
*банди зар?*
*Кӯзаи чашми ҳарисон*
*пур нашуд...*
*То садаф қонеъ нашуд,*
*пурдур нашуд...*

**Ҷалолиддини БАЛХӢ**

## ПАЁМ -илҳомбахши сарбозон



***Сарбози қатории гвардия Хушдил Маҳмадиев аз нуктаҳои паём ёдовар шуда, доир ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ ибрози назар карда мегӯяд.***

-Боиси хушнудӣ аст, ки аз ҷониби Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон гардид.

Дар ин раванд бо супориши сарвари мамлакат дар заминаи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии шаҳри Кӯлоб Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамӣ таъсис меёбад. Воқеан, ман гумон мекунам, ки таъсиси донишгоҳи мазкур заминаи хубе барои пешбурди тамоми самтҳои ҷомеа, алалхусус баҳраманд гардидани ҷавонон аз илмҳои муосир ва боло бурдани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ заминагузор мешавад. Албатта, мо сарбозон низ пас аз итмоми хизмати ҳарбӣ мехоҳем, барои саҳми арзанда гузоштан дар бунёдкориву созандагии кишвари хеш, Тоҷикистони биҳиштосо талош менамоем ва миннатдории худро ҷиҳати муҳайё намудани шароити хуби хизмати ҳарбӣ ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён медорем. Дар назди халқу миллати хеш қавл медиҳем, ки ба Президент ба Ватан содиқона хизмат мекунем!

# Дарахтшинонӣ

Ба муносибати 30-солагии Гвардияи миллӣ

Бо фаро расидани фасли баҳор дар саросари кишвар корҳои созандагӣ, ободониву кабудизоркунӣ вусъати тоза гирифт. Дар баробари сокинони кишвар ҳайати шахсии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам ба кабудизоркунӣ ва ободу зебо гардонидани ҳудуди қисмҳои ҳарбӣ, машғул шуда, силсилаи нақшаи чорабиниҳоро амалӣ карданд.

Аз аввали соли равон дар ҳудуди қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар Маркази таълимии мубориза бо



терроризм ва маводи мухадир 4650 дарахти павлония, 312 ниҳоли арча, ҳамчунин 1568 бех дарахти мевадиҳанда ва дар роҳраву атрофи қисмҳои ҳарбӣ 2025 дона гулҳои ороишӣ шинонда шудааст. Ин нишондод аз моҳи январ то 10 марти соли 2025-ро дар бар гирифтааст ва албатта, корҳои ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ идома меёбанд, зеро соли равон аз фаъолияти пурсамари ин сохтори бонуфузи низомӣ, яъне Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонӣ 30 сол сипарӣ мешавад. Ҳайати фармондеҳӣ тасмим гирифтааст, ки ин санаи муҳими таърихиро бо интизоми намунавӣ, нишондодҳои баланд дар ҳама самтҳои хизмати ҳарбӣ пешвоз мегиранд.

Полковники гвардия
Хайринисо КОМИЛЗОДА

Муассис:
Гвардияи миллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

сомонаи расмӣ: www.gmjt.tj
E-mail: gmjt.info.tj@mail.ru

Оғози нашр:
25 январи соли 2006

Ҳайати таҳрир:
Сардори шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеа полковники гвардия Хайринисо Комилзода, Неъматуллои Ҳолиқ, Ёқубҷон Султонализода хабарнигорон.

Мушовирон:
Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти гвардия Бобоҷон Ҷамолзода, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон Зулфиқор Гулаҳмадзода, муовини раиси Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Рудобаи Мукаррам.

Идораи моҳнома ба андешаҳои муаллифони маводҳо на ҳама вақт ҷонибдор аст. Масъулияти саҳеҳии санаду иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст. Маводҳо аз АМИТ «Ховар» истифода шуданд.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти рақами 706 аз 20 январи соли 2006 ба қайд гирифта шудааст.

Дизайн: А. Насриддинов

Суратгир: М. Шоев

Адади нашр: 500 нусха